# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course:** **Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

## Week: 5.

## THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES IN STUDYING HUMAN CAPITAL IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** **The experience of foreign countries in studying human capital in the context of globalization**

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 5

## Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба омӯзиши сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

## 1. Муқаддима

5.1. Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

5.2. Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

5.3. Хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷӣ

## 2. Хулоса

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Таҷрибаи хориҷӣ, мамлакатҳои тараққикарда, рушди сармояи инсонӣ, хусусиятҳои асосии он, нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои аксарияти мамлакатҳо марҳилаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, омили асосии афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот гардидааст. Таҳқиқот дар соҳаи сармояи инсонӣ нишон медиҳад, ки аксарияти мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта аз сатҳи ташаккули сармояи инсонӣ вобастаанд.

Сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакатҳо аз сатҳи сармояи инсонӣ, ки ба таҳким ва рушди афзалиятҳои бадастомада равона шудааст, муайян гардидааст.

## Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Иқтисодиёти муосири мамлакатҳои пешрафта, ин иқтисодиёти сармояи инсонии самаранок ба шумор рафта, ки вазифаи рушди сармояи инсониро ҳамчун омили истеҳсолӣ муайян намудаст. Барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ Ҳукумати мамлакат дар “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030”, яке аз вазифаи асосии давлат дар сохтани муассисаҳои нави таълимӣ, давлатӣ ва хусусӣ муҳим арзёбӣ гардидааст.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Зеро дар ҳолати расидан ба ҳадафҳои гузошта шуда, рушди иқтисодиёти мамлакат баланд гардида, шароити мусоид барои мардум муҳайё мегардад. Мутахассисоне омода мегарданд, ки метавонанд бо технологияҳои нави замонавӣ кор ва фаъолият намоянд ва ихтироотҳои наверо кашф намоянд, ки дар рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири амиқи хешро расонад.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Дар шароити муосир солҳои охир омӯзиш, таълимот ва таҳқиқоту кашфиёти навини тарзу усул ва моделу системаҳои беҳтарини ҷаҳонии ташаккул ва инкишофдиҳии рушди неруи инсонӣ рафта истодааст. Олимони иқтисодшинос С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи чи тавре, ки мефармоянд: «Сармояи инсонӣ ин таҷассумгари роҳҳо баҳри рушд ва инкишофдиҳии иқтидори инсонӣ буда, ба инсонҳо даромад меорад.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Сармояи инсонӣ ин имкониятҳои модарзодӣ ва истеъдодҳо ба шумор рафта, инчунин маълумотнокӣ ва азхудкунии касбро дар бар мегирад»[1]. Аз андешаи олимони иқтисодшинос фаҳмида мешавад, ки дар тамоми давру замон сармояи инсонӣ ин ягона роҳе дониста мешавад, ки даромади доимиро ба инсон ва аҳли оилааш барои тамоми умри одамӣ таъмин менамояд ва дар маҷмуъ ин рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад.

1.Доклад о человеческом развитии

в Российской Федерации за 2013 г.

/ под общей редакцией С.Н. Бобылева

– М.: ООО «Раильф», 2013. – 202 с.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Дар шароити муосир сармояи инсонӣ ҳамчун захираи дарозмуддати иқтисодӣ ба шумор рафта, фоидаи он ба монанди дониш ва таҷрибаи ҷамъоваришуда васеъ истифода мегардад. Сармоягузорӣ дар илм, яъне дар соҳаи маориф 30% ё бештар аз ин даромади миллиро зиёд менамояд, ки ҳамчун як механизми асосӣ дар соҳаи маориф ба шумор рафта, ба ҳар шахс, ки ташкилкунандаи ҷамъият ба ҳисоб меравад, нисбат ба дигар намуди сармоягузориҳои асосӣ фоидаовартар аст. Яъне, иқтидори ақлонӣ, фаъолияти эҷодӣ, таҳсилот, баландбардории савияи дониши касбӣ ва беҳбудии саломатӣ пешбинӣ менамояд, равона гардидааст.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Тибқи гуфтаҳои олими иқтисодшинос Гэри Беккер барои ҳар як кордиҳанда доштани мутахассиси баландихтисос ва дорои малака ва маҳорати касбӣ, баланд бардоштани савияи дониш, табодули таҷриба, ҳамеша доштани маълумоти саҳеҳ доир ба вазъияти иҷтимоию иқтисодии коргар ё коргаршаванда зарур аст. Ба монанди: - таҳсилот, малака ва маҳорати касбӣ.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Дар марҳилаҳои гуногун мафҳуми сармояи инсонӣ хеле васеъ гардида, аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ шарҳои гуногун пешниҳод гардиданд.




**Расми 1. Сармояи инсонӣ ва унсурҳои таркибии он**

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти зерин тартиб дода шудааст:

## Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ аз инкишофёбии унсурҳои асосии он вобаста аст. Дар он ҳолате мо сармояи инсониро рушд ва ташаккулёфта арзёбӣ карда метавонем, ки унсурҳои асосии он ба меъёрҳои ҷаҳонии рушд мутобиқат карда, барои истеҳсоли беҳтарин молу маҳсулоти ниёзи мардум ҷавобгӯ бошанд.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Яке аз механизми асосие, ки барои рушд ва инкишофдиҳии сармояи инсонӣ равона гардидааст, ин маълумотнокӣ, саломатӣ ва ҳавасмандӣ ба шумор рафта, сармоягузорӣ ба ин унсурҳо маҳсуб меёбад.

Омилҳои асосии рушд ва ташаккули иқтисодиёти ҷаҳон ва ҷараёни илмию техникӣ ин сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда далолат аз он мекунанд, ки таваҷҷӯҳи ҷомеа ба низоми маориф ва илм, ки яке аз унсури асосии сармоя дониста мешавад, зиёд гардида истодааст.

# Рушди сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар шароити муосир

Таҷриба нишон медиҳад, ки вобастагии иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикарда аз маблағгузорӣ дар бахши сармояи инсонӣ ва инчунин хусусиятҳои истифодаи онҳо тасдиқ гардидааст. Сиёсати иҷтимоиву иқтисодии интихобнамудаи давлатро, ки ба рушди манфиатҳои бадастомада равона шудааст, сармояи инсонӣ муайян менамояд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар соли 2023 мамлакатҳои тараққикардаи дорои иқтисодиёти самаранок ва сатҳи баланди шохиси сармояи инсонӣ, ба монанди, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон, Ҳонконг (Чин), Финландия, Ирландия, Шветсия, Олмон ба даҳгонаи раддабандии беҳтарин мамлакатҳои ҷаҳон ворид шуданд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Мавқеи ҷойгиршавии мамлакатҳои ҷаҳонро пешниҳод менамоем, ки дар он тибқи нишондиҳандаҳои Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ дар соли 2020 мамлакатҳои ҷаҳон дар кадом сатҳ қарор доранд[1]. Инчунин тибқи ин нишондиҳандаҳо Сингапур, Гонконг, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон нисбат ба тамоми мамлакатҳои Аврупоӣ садрнишини ин радабандӣ мебошанд ва аз тамоми нишондиҳандаҳо дар ин радабандӣ дарҷ гардида, нисбат ба мамлакатҳои Аврупоӣ бартарӣ доранд.

1.Human Development Report 2020:
Human Development for
Everyone. The United Nations Development
Programme, 2020. URL:http://hdr.undp.org/sites/default/files/2016_human_development_report.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар мамлакатҳои тараққикарда сармояи инсонӣ омили асосии рушди истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии онҳо, рушди фарҳанг, илм, тандурустӣ ва соҳаи иҷтимоӣ гардид.

Муваффақияти рушди Сингапур аз қобилияти назарраси одамон барои навоварӣ ва муваффақ шудан вобаста буда, аз ҷониби тамоми бахшҳои давлати дастгирӣ мегардад[1].

1.Глейзер Э.Л. Триумф города:

как наше величайшее изобретение

делает нас богаче, умнее, экологичнее,

здоровее и счастливее. М., саҳ. 339-340

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Сингапур таваҷҷӯҳи махсуси маблағгузориро ба соҳаи маориф ва сармояи инсонӣ равона намудааст. Марҳила ба марҳила дар соҳаи маориф дар давлат ислоҳотҳо гузаронида шудаанд, ки мақсади асосии онҳо баланд бардоштани сармояи инсонӣ ва рушди технологияҳои нав ба шумор мерафт.

Яке аз лоиҳаҳои мувафақи давлат, ин бунёди ҳафт бинои дорои озмоишгоҳҳои замонавӣ мебошад, ки аз тамоми ҷаҳон мутахассисони баландихтисос ҷалб гардиданд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Диққати махсус ба мутахассисоне, ки на танҳо дар ҷомеаи илмӣ самаранок бошанд, балки ҳамчун шарики фондҳои венчурӣ бароммад карда метавонанд, равона шудааст.

Сатҳи баланди сармояи инсонӣ дар Ҷопон дар бисёр соҳаҳои саноат кайҳо боз рушд намудааст. Рушди сармояи инсонӣ дар ин кишвар самти афзалиятноки инқилоби технологияҳои иттилоотӣ маҳсуб ёфта, аз дастгириҳои пайвастаи ҳукумат бархурдор аст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар Ҷопон сатҳи рушди сармояи инсонӣ, маълумотнокӣ ва давомнокии умри солим ҳамеша баланд ба ҳисоб меравад. Яке аз сабабҳои баланд будани рушди сармояи инсонӣ дар Ҷопон ин маҳдуд будани захираҳои табиӣ ба шумор меравад, ки давлат бештар таваҷҷӯҳро ба самти рушди сармояи инсонӣ нигаронидааст.

Дар Ҷопон самтҳои афзалиятнок ин маориф, тандурустӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ башумор меравад, ки аксарияти маблағҳои ҷудогардида дар самтҳои мазкур равона мегарданд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар Ҷопон системаи ягонаи якумраи корӣ таҳия гардидааст, ки ҳама чиз ба он вобастагӣ дошта, шахс бояд ба он муботиқат намояд ва шахсро водор ба он менамояд, ки коро бо як хоҳиши баланд иҷро намояд. Низоми кори якумра пеш аз ҳама, ба ташаккул, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории сармояи инсонӣ равона гардидаст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Коршиносон ва таҳқиқотчиён хислати асосии сармояи инсонии ширкатҳои ҷопониро чунин маънидод намуданд:

1. Додани кафолати кори доимии якумра;
2. Арзишҳои олии рафтори кормандон ва доштани малака ва маҳорати баланди касбӣ;
3. Риоя намудани тозагии доимӣ ва уҳдадориҳои ширкат;
4. Ҳамеша роҳбари намудани ширкат[1].

1.Ғаниев Т.Б. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии менеҷменти ширкатҳои байналмилалӣ (26-27 октябри соли 2018). С.25.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Яке аз бозингарони дигари асосии иқтисоди ҷаҳонӣ Олмон ба шумор меравад. Мувофиқ ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт, ҳисса дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ, дараҷаи иштирок дар тақсимоти байналмилалӣ меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ Олмон яке аз мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба шумор меравад.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Инчунин қайд намудан зарур аст, ки дар Олмон ба дараҷаи баланди сармояи инсонӣ - маориф, таъминоти иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи некуаҳволӣ, дастовардҳои илмию техникӣ, иштироки фаъолона намудан дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таваҷҷуҳи махсус медиҳанд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар ИМА дар тамоми сохторҳои муҳим ва афзалиятнок, аз ҷумла соҳаи илму техника беҳтарин мутахассисон кор ва фаъолият менамоянд. Ин афзалиятҳо ва тафаккури эҷодӣ ба мутахассисони баландихтисос ва ботаҷриба имконият медиҳад, ки аввалин шуда тиҷорати самараноки венчуриро эҷод намоянд ва бо кӯмаки он технологияҳои баланд ва нанотехнологияҳоро ихтироъ ва рушд диҳанд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Инчунин дар ИМА барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили рушд, шароити мусоид фароҳам оварда шудаанд, ки яке аз афзалиятҳои асосии давлат ба шумор меравад. Барои рушди сармояи инсонӣ дар ИМА тамоми шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда, давлат бештар маблағгузориро ба ҳамин соҳа равона менамояд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар ИМА донишгоҳҳо бо бозори меҳнат робитаи зичи мутақобиларо ба роҳ мондаанд, то ниёзҳои он ба касбҳои муайян ва тағйиротҳои ҷорӣ назорат карда шаванд. Сифати барномаҳои таълимӣ барои омода намудани хатмкунандагон ва мутобиқшавии онҳо ба ҳаёти оянда баҳогузорӣ гардида, фаъолияти касбии хатмкунандагон назорат карда мешавад.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Он барнома ва стратегияҳое, ки дар ИМА барои рушди сармояи инсонӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти мамлакат қабул гардидаанд, аз ҷониби давлат ба пуррагӣ назорат карда мешаванд, натиҷаҳои ба даст овардашуда таҳлил гардида, ислоҳоти онҳо анҷом дода мешаванд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Яке аз афзалият ва бартариҳои асосии ИМА барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ нисбат ба дигар мамлакатҳои тараққикарда ин фароҳам овардани шароити мусоид дар тамоми соҳа алалхусус ба соҳаи маориф ва илм ба шумор меравад.

Сармояи инсонии Чин яке аз бузургтарин сармояҳо дар ҷаҳон ба шумор рафта, дар муқоиса бо дигар кишварҳо ин бартарии бузурге ҳисобида мешавад. Истифодаи васеи захираҳои инсонӣ рушд ва ташаккули он стратегияи муҳимтарини рушди Чин дониста шудааст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Бинобар сабаби зиёд будани аҳолии мамлакат дар Чин рушди сармояи инсонӣ сармоягузориҳои калони молиявиро талаб менамояд. Ҷумҳурии мардумии Чин яке аз давлатҳои сераҳолитарин дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, ягона давлатест, ки имконияти пурра таъмин намудани ҳама намуди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва хизматрасониро надорад. Аз ин лиҳоз, дар низоми маориф рушди сармояи инсонӣ, навовариҳои навро ворид намуда истодааст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Ҷумҳурии мардумии Чин барои истифодабарии дурусти захираҳо дар сатҳи дониш ва технологияҳои навин чораҳои зарурирo роҳандозӣ намуда истодааст.

Фарқияти кормандони Ҷумҳурии мардумии Чин нисбат ба кормандони Ҷопонӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷопон ба корманд кафолати якумраи кор дода мешавад.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар Ҷумҳурии мардумии Чин бошад, ба корманд барои навоварӣ намудан ва вақти кориро сарфакорона истифода кардан, риояи интизоми дурусти меҳнат мукофот дода шуда, барои баланд намудани таҷрибаи кормандон чораҳои саривақти роҳандозӣ мегардад, ки ин нақши муҳимро дар самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ нишон медиҳад[1].

1.Пустуев А.Л. Зарубежные модели формирования человеческого капитала аграрной сферы и их использование / А.Л. Пустуев, О.С. Горбунова, В.И. Набоков, С.В. Петрякова, В.В. Калицкая, И.М. Перминова //Аграрный вестник Урала. -2017. - № 04 (158). -С. 92-96.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Яке аз омилҳои дигари фаркунандаи байни коргарони Ҷумҳурии мардумии Чин ва Ҷопон дар он аст, ки дар Ҷумҳурии мардумии Чин асосан кормандро барои дуруст истифода намудани вакти корӣ мукофот медиҳанд, дар Ҷопон бошад, ба коргар имтиёзҳои зиёд пешбинӣ гардидааст, ба монанди кафолати якумраи корӣ, навоварӣ, табодули таҷриба ва ғайра.

Ҳамасола Ҷумҳурии мардумии Чин ҳаҷми маблағҳое, ки барои соҳаи маориф ва илм ҷудо менамояд, марҳила ба марҳила афзоиш меёбад. Инчунин ба марҳилаи нави рушд ворид шудани Ҷумҳурии мардумии Чин аз афзоиши сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ вобаста аст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Аз марҳилаи раванди навоварӣ Кореяи Ҷанубӣ бомуваффақият гузашт ва тавонист ба демократияи пешрафта ва идеологияи муосир ноил гардидааст. Дар соҳаи маориф ва илм Кореяи Ҷанубӣ аз таҷрибаи мусбат ва манфии Ҷопон бисёр чизҳоро омӯхта, ҷиҳати мусбати онро бештар дар сохти давлатдории хеш истифода намудааст.

Кореяи Ҷанубӣ баъд аз омӯхтани таҷрибаи дигар мамлакатҳо дарк намуд, ки таваҷҷӯҳ намудан ба соҳаи маориф ва илм ягона роҳест, ки барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ ва сатҳи истеҳсолоти иқтисодиёти кишвар самти афзалиятнок ба шумор меравад.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Сармоягузориҳои хусусие, ки аз ҷониби корпоратсияҳои бузург ба рушди илм ва маориф дар Кореяи Ҷанубӣ саҳмгузорӣ менамоянд, аз ҷиҳати ҳаҷм аз маблағҳои давлатӣ кам нестанд. Яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Корея дар солҳои наздик ба панҷгонаи кишварҳои пешрафтаи технологӣ, ки сатҳи баланди рушди илмро доро мебошанд, дохил гардидан ба шумор меравад.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Рушди сармояи инсонӣ ва иқтисодиёти Кореяи Ҷануби аз соҳибкории хусусӣ, инноватсия ва маҳсулоти сифатан баланд истеҳсол намудаи онҳо вобаста мебошад. Ин омилҳо муҳаррики афзоиш ба ҳисоб меравaнд.

Инчунин метавон таҷрибаи мамлакатҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистонро таҳлил намоем ва мавқеи онҳоро дар радабандии ҷаҳон муайян намоем.

## Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Қайд намудан зарур аст, ки баъд аз бадаст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон истифодаи сармояи инсонӣ яке аз омили муҳими рушди иқтисодӣ ва инноватсия ба шумор рафта, давлат барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ дар мамлакат пайваста тадбирҳо меандешад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шароити муосир барои рушди сармояи инсонӣ чораҳои зиёд андешида истодааст, ба мисли сармоягузори ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва баланд бардоштани савияи дониши аҳолӣ диққати аввалиндараҷа равона намудааст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Ҷанбаҳои асосии истифодаи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон маориф, тандурустӣ, малака ва маҳоратҳои касбӣ, шуғли аҳолӣ, навоварӣ ва соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатӣ дохил мегарданд.

Омилҳое, ки ба рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсир мерасонанд:

- Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва шуғли аҳолӣ
- Рушди иқтисодӣ
- Шароити иҷтимоию иқтисодӣ
- Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Рушди сармояи инсонӣ барои Ҷумҳурии Ӯзбекистон афзалияти стратегӣ ба шумор рафта, аз ҷониби давлат маблағгузориҳо ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва такмили ихтисос, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои шуғли аҳолӣ ва соҳибкорӣ ба рушди минбаъдаи иқтисод ва баланд гардидани некӯаҳволии шаҳрвандон пайваста талош варзида истодааст.

Инчунин тибқи нишонидаҳандаҳои Бонки ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Узбекистон дар радабандии ҷаҳонӣ дар ҷойи 106-ум бо шохиси 0,727 қарор гирифтааст.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон, сарфи назар аз он, ки кишвар дар шохиси сармояи инсонӣ дар ҷои 76-ум қарор дорад, истифодаи сармояи инсонӣ як вазифаи аввалиндараҷа барои давлат боқӣ мемонад. Дар ҳолати дуруст сармоягузорӣ намудан ба соҳаи маориф ва тандурустӣ ва самаранок истифода бурдани барномаву чорабиниҳое, ки аз ҷониби давлат қабул гардидаанд, метавонанд барои рушди иқтисодии мамлакат заминаи мусоид фароҳам орваранд. Беҳтар гардидани натиҷаҳо дар ин самт метавонад ба рушди иқтисодӣ ва баланд шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Тибқи нишондиҳандаҳои Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2022 Ҷумҳурии Қирғизистон мавқеи худро дар раддабандӣ ҷаҳонӣ мустаҳкам намуда дар ҷои 117 қарор гирифт, пас аз ҷои 118-ум дар соли 2021 ва дар соли 2020 ҷои 121-умро ишғол менамуд. Қимати Шохиси рушди инсонии Қирғизистон дар соли 2022 0,701 ташкил медод, ки дар муқоиса бо соли 2021 0,696 ташкил менамуд.

# Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ

Истифодаи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон маънои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт тавассути рушди малака, дониш ва тахассуси қувваи корӣ мебошад. Ҷумҳурии Қазоқистон аз рӯзҳои авали ба даст овардани Истиқлолияти мамлакат кӯшиш намудааст, ки таваҷҷӯҳи хешро ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва бозори меҳнат равона намояд.

Ҷанбаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон ин маориф, тандурустӣ ва бозори меҳнат башумор меравад.

# Хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷӣ

Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки таҳлил ва таҳқиқоти таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ гузаронидашуда ба мо имконият дод, ки хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷиро нишон диҳем. Яке аз чораҳои асосии рушди сармояи инсонӣ, ки аз ҷониби давлатҳо ва ширкатҳои хориҷӣ амалӣ мегарданд, инҳо ба шумор меравconfigured:

## Хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷӣ

- Аз ҷониби донишгоҳҳо ба инобат гирифтани бозори меҳнат дар тайёр намудани мутахассисони баландсифат;
- Ба талаботи бозор мутобиқ намудани мутахассисони дорои малака ва маҳорати касбӣ;
- Табодули таҷриба намудани мутахассисон;

## Хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷӣ

Дар мамлакатҳои тараққикардае, ки сатҳи баланди шохиси сармояи инсонӣ вуҷуд дорад, бахшҳои зерин ташаккул ва рушд меёбанд:

- Технологияҳои нав;
- Технологияҳои компютерӣ ва интернетӣ, системаҳои алоқа ва иттилоот;
- Нанотехнология.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ омили афзоиши иқтисодиёт ва пешрафти илмию техникии мамлакат ба шумор рафта, дар ин мамлакатҳо дар ташаккули сармояи инсонӣ таҷрибаи хеле ғанӣ ҷамъ оварда шудаанд, ки истифодаи он дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

# Хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷӣ

Баъд аз таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи сармояи инсонӣ қайд намудан зарур аст, ки тарзи истифодаи дуруст ва самаранок ба роҳ мондани сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Мардуми Чин роҳандозӣ гардидаст ва модели идоракунии онҳо ба модели идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар шабоҳат медиҳад. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди ҶМЧ пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ таваҷҷӯҳи махсусро ба соҳаи маориф равона намуда, дар давоми 34 соли Истиқлолияти давлатӣ якчанд маротиба барнома ва стратегияҳои муҳимро оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати дониш ва маблағгузорӣ намудан ба соҳаи маориф ва қабули “Стратегияи рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қабул намудааст.

# Хусусиятҳои хоси таҷрибаи хориҷӣ

Инчунин рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми маориф рушди сармояи инсонӣ, иқдому ташабуссҳои навро ворид намуда истодааст. Ҳамасола дар соҳаи мазкур ислоҳотҳои муайян барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ гузаронида мешавад.

# ХУЛОСА

Бояд зикр намуд, ки истифодаи дурусти сармояи инсонӣ метавонад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар баробари мамлакатҳои тараққикарда ба монанди ҶМЧ, Олмон, ИМА, Ҷопон ва Сингапур қарор диҳад, дар ҳолате, ки дар мамлакат рушди баланди дониш ва навовариҳо, истеҳсол намудани технологияҳои баландсифат ва омода намудани мутахассисони дорои малакаву маҳорати касбӣ вобаста мебошад. Омилҳои мазкур асоси пешрафти дилхоҳ мамлакат ба ҳисоб меравад.

Инчунин, пас аз таҳлили муносибат ба сармояи инсонӣ аз ҷониби мамлакатҳои тараққикарда, мо ба хулосае омадем, ки яке аз шартҳои муҳими рушди соҳаи маориф омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгу ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад.

# Адабиёт:

1. Доклад о человеческом развитии в Российской Федерации за 2013 г. / под общей редакцией С.Н. Бобылева – М.: ООО «Раильф», 2013. – 202 с.

2. Human Development Report 2020: Human Development for Everyone. The United

3. Глейзер Э.Л. Триумф города: как наше величайшее изобретение делает нас богаче, умнее, экологичнее, здоровее и счастливее. М., саҳ. 339-340.

4. Ғаниев Т.Б. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии менеҷменти ширкатҳои байналмилалӣ // (26-27 октябри соли 2018). С.25.

5. Пустуев А.Л. Зарубежные модели формирования человеческого капитала аграрной сферы и их использование. -2017. - № 04 (158). -С. 92-96.